# Тақриз

ба автореферати рисолаи номзадии Ҳотамова Муҳайё Ғафуровна дар мавзӯи "Ҷаҳонбинии писандидаи ҷавонони Тоҷикистон дар раванди дигаргуншавии ҷомеа" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ.

Тоҷикистон дар асри XXI бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва демократиро оғоз кард, ки дар он шаҳрвандон аз ҳама ҳуқуқҳои худ бархурдор ҳастанд. Ин раванд муваққатӣ набуда, барои мустаҳкамкунии мавқеи шахсият дар сохтори ҷомеаи адолатнок мусоидат менамояд. Қайд намудан лозим аст, ки тағйиротҳое, ки дар ҷомеаи муосир ба вуҷуд меоянд, коркарди роҳу усулҳои ҷадиди омӯзиши ҷаҳонбинии ҷавононро талаб менамоянд. Ин талабот муайян карда мешавад бо раванди демократикунонии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, инкишофи гуногунандешии нуқтаҳои назар, тағйирёбии муносибатҳои иҷтимоӣ ва ғайра, ки дар ташаккули низоми ақидаҳо, тартиботи иҷтимоӣ ва муносибати байни одамон таъсир мерасонад. Раванди тағйиротҳои иҷтимоӣ дар ҳар як ҷомеа ба мавқеъ ва мақоми ҷавонон таъсири бевосита расонида, мавқеи иҷтимоии ҷаҳонбинии ӯро заифу ноустувор сохтанаш аз эҳтимол дур нест. Ин ва дигар масъалаҳои мубрами замони муосир, ки таҳлили илмиро талаб мекунад, дар рисола мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Аз ҷумла дар автореферати диссертатсия "Масъалаҳои назариявӣ ва методологии таҳлили ҷаҳонбинии ҷавонон дар шароити тағйирёбии ҷомеа"- масъалаи назариявӣ ва методологии омӯзиши мавзӯи мазкур баррасӣ шуда, моҳият ва сохтори мафҳуми "ҷаҳонбинии писандида, хусусият ва зиддияти бавуҷудоии ҷаҳонбинии писандидаи ҷавонон" ва инчунин, масъалаҳои асосии ташаккули ҷаҳонбинии писандидаи ҷавонон дар раванди тағйирёбиҳои ҷомеа таҳлил гардидааст. Диссертант аз методи диалектикӣ истифода намуда, пайдоиш ва ташаккули ҷаҳонбиниро ҳамчун натиҷаи объективии раванди инкишофи таърихии ҷомеа дида баромадааст. (саҳ.8-9). Хусусияти ҷаҳонбинии ҷавонон аз он иборат аст, ки инсони ҷавон мехоҳад ҳаёти худро том, бомантиқ, ояндадор ва дорои маънӣ дарк намояд. Ҷавонони имрӯза кӯшиш менамоянд дар навбати аввал, талаботҳои шахсии худро қонеъ гардонанд ва баъд ба дигарон ёрӣ расонанд. Қайд карда мешавад, ки дар ҷомеаи муосир, ҳангоме, ки тағйирот дар сохтори он ба вуҷуд меояд, бӯҳрони фазои маънавӣ ба назар мерасад. Имрӯзҳо меъёрҳои ахлоқӣ - қарз, масъулият, ёрии ҳамдигарӣ, ғамхории беғаразона ва ғайра аҳамияти аввалиндараҷаи худро гум менамояд. Айни замон аз ҳама муҳим, хусусан барои насли ҷавон, ба даст овардани лаззат, талабот ва истиқлолияти моддӣ мебошад.

Дар зербоби дуюм «Хусусият ва зиддияти ташаккули тамоюли ҷаҳонбинии писандидаи ҷавонон» - қайд карда мешавад, ки ҷавонон субъекти муносиби тағйиротҳои иҷтимоӣ (дигаргунсозии ҷомеа), қувваи

бузурги инноватсионӣ-навоварӣ мебошанд. Иқтисодиёти бозоргонӣ дар ҷамъияти тоҷикон муносибатро ба арзишҳои иҷтимоӣ куллан тағйир дод, ҷараёни иҷтимоӣ-иқтисодӣ мушаххасан табаддуллот ёфт, сустшавии диққат ба масъалаҳои тарбияи меҳнатӣ ва худмуайянкунии касбии ҷавонон аз ҷониби давлат ва кумитаҳои худидоракунии маҳаллӣ равшан гардид. (саҳ.10)

Насли ҷавони муосир бисёр масъалаҳои муҳимеро дар самт ва соҳаҳои гуногуни ҳаёт бояд ҳал намояд ва аз ҳалли он вобаста аст, ки кишвар чӣ гуна инкишоф меёбад ва баъди худ ба насли оянда чӣ мерос мегузорад.

Дар зербоби сеюми боби якуми диссертатсия «Масъалаҳои асосии ташаккули ҷаҳонбинии писандидаи ҷавонон» - қайд карда мешавад, ки масъалаи ҷавонони Тоҷикистон, аслан, на танҳо вазифаи насли ҷавони муосир, балки мушкилии кулли ҷомеа мебошанд. Ин мушкилиҳо, аз як ҷиҳат, алоқамандӣ доранд ва бармеоянд аз омилҳои объективие, ки дар олами муосир ба вуҷуд меоянд, аз қабили: раванди ҷаҳонишавӣ, иттилоотӣ, урбанизатсия-шаҳркучӣ, табаддуллот ва ғайра. Аз ҷиҳати дигар, онҳо хусусияти хоси худро доранд, ки бо воқеияти муосири ҷомеаи тоҷик ва сиёсати давлатӣ нисбати ҷавонон алоқаманд аст.(саҳ.11) Табаддуллоте, ки дар Тоҷикистон ба вуҷуд меоянд, масъалаи иҷтимоишавии ҷавононро ба таври дигар равшан менамоянд. Ин аз он вобаста аст, ки: якум, ин ки ҷавонон - яке аз гурӯҳҳои фаъоли ҷамъиятӣ-демографии ҷомеаи мо мебошанд; дуюм, хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ сол аз сол ба ҳайати фаъоли иқтисодии аҳолии кишвар ворид мешаванд.

Дар зербоби якуми боби дуюм «Вазифаи оила ва гурӯҳҳои хурд дар бавуҷудоии ҷаҳонбинии писандидаи афзалиятноки ҷавонон» - ба омӯзиши ниҳоди оилавӣ ҳамчун яке аз институтҳои асосии ҷамъиятӣ диққат дода шудааст, ки нисбат ба дигар ниҳодҳои иҷтимоӣ – сиёсӣ барвақттар ба вуҷуд омадааст. Оила ҳамчун институти иҷтимоӣ, гурӯҳе ба ҳисоб меравад, ки ё дар асоси никоҳ ё дар асоси робитаҳои хешутаборӣ, ё ин ки манзил ва буҷаи муштарак ба вуҷуд омадааст, ки дар он аъзоён бо ҳамзистии муштарак, масъулияти якҷояи ахлоқӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ алоқаманд ҳастанд.(саҳ.13)

Дар зербоби дуюми боби дуюм "Системаи маориф ҳамчун воситаи ташаккули ҷаҳонбинии писандидаи ҷавонон" – системаи маориф дар шароити муосир таҳлил мегардад, ки мавқеи муҳимро дар раванди ташаккулёбии ҷаҳонбинии писандидаи ҷавонон дар шароити тағйирёбандагии ҷомеа ишғол менамояд. Таҳлили низоми маориф дар Тоҷикистон дар даҳсолаи охир нишон медиҳад, ки дар замони ҳозира дар соҳаи маориф тағйироту таҳаввулот ба вуҷуд меояд, ки барои воридшавӣ ба фазои маорифи ҷаҳонӣ равона карда шудааст. Ҷадвали тасрифи таълимӣ тағйир меёбад: азнавсозии мазмун, тарз, муносибати ҳуқуқӣ ва дарккунии педагогӣ пешниҳод карда мешавад. Дар замони

ҳозира давлат ба вазифаи тарбиявии маориф дар раванди иҷтимоишавии насли наврас диққати махсус медиҳад. (саҳ.15)

Зербоби сеюми боби дуюм «Мақоми ВАО ва гуногунияти ҷаҳонбинии ҷавонон» - ба таҳлили таъсири васоити ахбори омма ба ҷавонон дар ҷомеаи муосир бахшида шудааст. Рушду инкишофи иттилоот, ки дар солҳои охир талаботи ҳаёти ҷамъиятии моро муайян мекунад, аз яктараф, Тоҷикистонро ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ дохил намуд, ки қисми муҳими ҷудонашавандаи тамаддуни муосир ва алалхусус, раванди пайвастаи ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб меравад; аз дигар тараф - яке аз сабабҳои ҳалкунандаи таъсиррасонӣ ба инкишофи хусусиятҳои шахсии наврасон ва ҷавонон гашт. Байни хусусиятҳо мақоми назаррасро ҷаҳонбинии эстетикӣ ва тамоюлҳои арзишманд ишғол менамояд. (саҳ.17)

Муҳимияти мавзӯи таҳқиқотии мазкур аз нуктаҳои зерин иборат аст:

- Тоҷикистон институтҳои демократии худро инкишоф медиҳад, дар ҳаёти маънавӣ ва моддии ҷамъият ислоҳот мегузаронад ва танҳо дар сурати фаъолкунӣ, ҷонноккунии омилҳои инсонӣ расидан ба ин мақсадҳо имконпазир аст;
- тағйироту ислоҳолот дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи суннатии тоҷик дигаргунии мутобиқро дар ақида ва тафаккури насли ҷавон талаб менамояд. Ташаккули ҷаҳонбинии бартариятдоштаи ҷавонон омили муҳимми гузариши ҷамъияти тоҷикон ба ҳолати сифатан нав ба ҳисоб меравад;
- ҷаҳонбинии ҷавонон дар шароити ҷомеаи илмӣ-техникӣ ва иттилоотӣ, ки оқибатҳои гуногуну номуайян доранд, ташаккул меёбад.

Бояд қайд намуд, ки ҳанӯз ҳам бисёр масъалаҳо ва муаммоҳои баҳсталаби раванди ташаккули ҷаҳонбинии афзалиятноки ҷавонон дар шароити тағйироти иҷтимоӣ ҷой доранд, ки таҳқиқоти иловагиро тақозо менамоянд. Таҳлилу баррасии адабиётҳо нишон медиҳанд, ки ҷиҳати мазкури масъала ҳанӯз ҳам ба таври лозимӣ омӯхта нашудааст. Бешубҳа, омӯзиши самтҳои асосии муаммои ташаккули афзалияти ҷаҳонбинонаи ҷавонон дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷомеа раванди тағйиротро аз сар мегузаронад, воқеан муҳим аст.

Бо вуҷуди мубрам будани мавзӯи рисолаи номзадӣ ва мутобиқат кардани диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа якчанд масъалаҳои баҳсталаб мавҷуданд, ки ба ақидаи мо ба назар гирифтани ин нуктаҳо рисолаи номзадиро боз ҳам мукаммал мегардонд:

1. Бештар ба назар гирифтан ва коркарди таҳқиқотҳои илмии олимони кишвари худ ба рисола боз ҳам мазмуни пурра хоҳад дод;

2. Таҳлил кардани ҷиҳатҳои мусбии таъсири ВАО дар ташаккули ҷаҳонбинии писандидаи ҷавонони Тоҷикистон дар шароити тағйирёбиҳои ҷомеа ба манфиати кор хоҳад буд;

3. Гуногунияти ҷаҳонбинии писандидаи ҷавонон албатта заминаи гуногунияти худи ҷомеаро ифода мекунад. Аз ин хотир ба ин нукта дар рисола аҳамияти бештар зоҳир кардан зарур буд.

Новобаста аз масъалаҳои баҳсталаб рисолаи илмӣ мазмуни худро гум намекунад ва ба талабот ҷавобгӯ аст. Бо назардошти гуфтаҳои дар боло зикр шуда, муаллифи рисолаи номзадӣ Ҳотамова Муҳайё Ғафуровна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ сазовори баҳои мусбӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
декани факултаи фалсафаи
Донишгоҳи миллииТоҷикистон,
номзади илмҳои фалсафа,
дотсент

/____________/Маҳмадизода Нозим Давлатмурод

Имзои Маҳмадизода М.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон /____________/ Тавқиев Э.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ